**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович, дар мавзӯи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 - сабзавоткорӣ. ш. Душанбе, 2025 с.**

Соҳаи сабзавотпарварӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки ҷумҳурӣ буда, нақши асосиро дар таъмини аҳолӣ бо ғизо, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулот ва афзоиши иқтидори содиротии кишвар мебозад.

Пиёзи бехӣ зироати асосии соҳаи сабзавоткорӣ ба ҳисоб рафта, аҳолии кишвар ба он эҳтиёҷӣ бештар дошта, хусусияти табобатӣ низ дорад. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосил ва сифати пиёзи бехӣ ин истифодаи нуриҳои маъданию органикӣ мебошад. Бинобар ин, ба роҳ мондани омӯзиши самаранокии истифодаи нуриҳои маъданӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ, яке аз омилҳои асосии баландбардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот мебошад ва кори илмие, ки барои баррасӣ пешниҳод шудааст, дорои аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дошта, Раҳимов Шодмон Давлатович бори аввал самаранокии истифодабарии нуриҳои минералиро дар кишти пиёзи баравақтӣ дар шароити водии Вахшии вилояти Хатлон мавриди омӯзиш қарор додааст.

Натиҷаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба меъёр ва истифодаи нуриҳои маъданӣ дар вариантҳои омӯзишӣ микдори барг 2,5- 4 дона, дарозии баргҳо 1,9-2,2 баробар зиёд буда, масоҳати барги растанӣ 19240 - 25210 $м^2$/га, моддаҳои хушк то 8,7%, қанднокӣ то 7,2 % , даромаднокии истеҳсолӣ дар варианттҳои омӯзишӣ аз 170,1% то 204,8% ва ҳосилнокӣ аз 50,5 то 56,6 т/га расидааст, ки ин аз таъсир ва самаранокии нуриҳои маъданиро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои тадқиқот борҳо дар ҷаласаҳои Шӯрои илмӣ баррасӣ ва дар ҷаласаҳои шуъбаи илм, конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод ва баррасӣ гардидааст, 16 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 –то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тобеи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4-то дар Маҷмӯи мақолаҳои илмию амалии конференсияҳои байналмилаӣ дар хориҷ ва 7 то дар Маҷмӯи мақолаҳои конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд.

Рисолаи пешниҳодшуда аҳамияти баланди илмӣ, назариявӣ ва амалии кори муаллифро нишон медиҳад.

Дар маҷмӯъ, кор як таҳқиқоти илмии пурраро ифода намуда, автореферати пешниҳодшудаи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзӯи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи

барвақтӣ дар водии Вахш" аз ҷиҳати аҳамият, навоварӣ, аҳамияти илмӣ ва амалӣ, ҳаҷм ва мундариҷаи маводи таҳқиқотӣ, кор ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 -и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Раҳимов Шодмон Давлатович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.09 – сабзавоткорӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи
ихтисоси 01.06.04 –агрохимия, дотсент
Директори Институти хокшиносӣ
ва агрохимияи АИКТ З.Қ.Бобохониён

**Суроға:** 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
н. И. Сомонӣ, хиёбони Рудакӣ 167, х.38.
тел.: (+992) 988934545 E-mail: zebinisso.bobokhoniyon@mail.ru

Имзои Бобохониён З.Қ. -ро тасдиқ мекунам:
Сармутахассис оид ба кадрҳои Институти хокшиносӣ
ва агрохимияи АИКТ С.У. Холова

**Суроғаи муассиса:**
**Суроға:** 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
н. Шоҳмансур, хиёбони Рӯдакӣ 21а.
тел.: (+992) 221 46 12

11 декабри соли 2025